## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

доктори илми филология, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул ба рисолаи доктории унвонҷӯ Ғаффорзода Шохрух Ҳабибулло дар мавзӯи “Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик яке аз чеҳраҳои маъруфи адабӣ маҳсуб мешавад. Вай муаллифи асарҳои мондагори адабӣ ҳам ба назму ҳам ба наср мебошад. Асарҳои манзуми ӯ аз қасида, ғазал, рубоӣ, “Ушоқнома” ва осори мансураш аз “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, рисолаи “Дилкушо”, “Садпанд”, “Даҳфасл”, “Мактуби қаландарон” ва “Наводир-ул-амсол” иборатанд. Таълифоти мазкур хазинаи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷикро ғанӣ гардонида, бо фарогири мавзуъ ва мазмунҳои тозаи дархури кулли давраҳои таърихӣ имтиёз доранд. Убайди Зоконӣ адиби соҳиби ибтикороти назаррас буда, бо равиши хосси баён сабки баёни мунҳасир ба фарди худро дар эҷоди каломи ҳунарӣ ба намоиш гузоштааст. Мероси адабии ӯ дар асрҳои миёна мавриди таваҷҷуҳи муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ қарор гирифта, аз оғози асри гузашта диққати муҳаққиқони ватанию хориҷиро низ ба худ ҷалб кардааст. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Убайд то кунун дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ таълифоти қобили мулоҳиза сурат гирифтаву матни асарҳояш чоп шудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои зиёде боқӣ мондаанд, ки ё тамоман омӯхта нашудаанд ва ё ба таври пурра коркарди илмӣ нашудаанд. Ба ҷанбаҳои камомӯхтаи эҷодиёти адиб осори мансури бадеии ӯ, аз ҷумла, мавзуи “Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ” дохил мешавад, ки диссертатсияи Ш.Ҳ. Ғаффорзода ба таҳқиқи он бахшида шудааст.

Насри бадеӣ дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ мавқеи бисёр муҳимро ишғол мекунад. Дар эҷодиётиёти ӯ аз навъҳои гуногуни наср жанрҳои латифа, ҳикоят, луғат, амсолу панд, пародия ва нома нақши меҳварӣ доранд. Андешаву афкори нависанда маҳз дар қолаби жанрҳои наср ба таври густарда матраҳ шудаанд. Ибтикороти Убайд дар ҳар яке аз анвои мазкур қобили ташхис буда, нависанда дар кулли осори мансур тарҳи мавзуъро дар қиёс ба равишҳои мавҷуди насри адабӣ тағйир дода, насри адабиро аз лиҳози сохтор ва тарҳи мавзуъ ба таври мусбат дигаргун карда, ҳаҷвиёт ва интиқодоти иҷтимоиро дар авлавият қарор додааст, ки назири онро дар осори нависандагони дигари то замони ӯ мушоҳида наметавон кард.

Дар диссертатсия ба масъалаи таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайд ва мақоми ин навъи наср дар эҷодиёти нависанда таваҷҷуҳ шуда, мухтассоти жанрии насри бадеӣ муайян шудааст. Масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию

бадеии насри бадеии Убайди Зоконӣ, ба мисли вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз ва мухтассоти он, накди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, шиква аз ҳоли худу нобасомониҳои рӯзгор, эҷози сухан, балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ, диди мардумӣ, мухтассоти сабкофарин, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ ба таври махсусу фарогир таҳқиқ шудаанд. Ҳамаи мабоҳиси зикршуда пайдарҳам, муназзам ва мантиқан ба ҳам алоқаманд ба миён гузошта шудаанд.

Дар умум, ҳаҷми корҳои дар доираи диссертатсияи докторӣ анҷомдодаи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло, дараҷаи маърифати асосҳои ҳунарии насри бадеии асримиёнагӣ ва коркарди назарии он аз ҷониби ӯ, таъйин ва таҳқиқи хусусиятҳои жанрӣ ва ғоявию бадеии насри бадеии Убайди Зоконӣ, иштирок ва суханрониҳо дар нишастҳои илмии сатҳҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, таълиф ду монография, мақолаҳои зиёд ва дараҷаи омодагии касбии унвонҷӯ ҳамчун адабиётшинос ба мо имкон медиҳад таъйид кунем, ки ӯ барои сазовор гардидан ба дараҷаи баланди илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ арзанда аст.

Доктори илми филология,
профессор, мудири кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мисбоҳиддини Нарзиқул

Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

«11» январи соли 2022